**Иктибос аз протоколи № 8**

маҷлиси васеи Шӯрои олимони факултети забонҳои хориҷии МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"

аз 26-уми марти соли 2022

**Иштирок доштанд:** раиси Шӯрои олимони факултет профессор Абдуллоева М.А. ва 20 нафар аъзои Шӯро, роҳбари илмии унвонҷӯ профессор Азимова М.Н., унвонҷӯ Воҳидова Н.А.

**РӮЗНОМА:**

**8. Масъалаҳои ҷорӣ**

**8.1. Таъин намудани экспертҳои давраи дуюм барои баҳо додан ба диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисӣ дар мавзӯи "Хусусиятҳои фарҳангҳои фразеологӣ дар забонҳои гуногунсохт (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ).**

**ШУНИДА ШУД:** декани факултети забонҳои хориҷӣ, профессор Абдуллоева М.А. баъди тасдиқи рӯзномаи ҷаласа қайд кард, ки диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисӣ, муаллимаи калони кафедраи забонҳои хориҷӣ Воҳидова Н.А. дар мавзӯи "Хусусиятҳои фарҳангҳои фразеологӣ дар забонҳои гуногунсохт (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ)" барои ташхиси экспертии давраи дуюм ба Шӯрои олимони факултет пешниҳод шудааст. Аз рӯйи Низомномаи Шӯрои диссертатсионии дифои рисолаҳои номзадӣ бояд ду нафар мутахассис-эксперти холис таъин карда шаванд. Номзадии олимони зерин ба вазифаи эксперти холис пешниҳод карда шуд, ки мутахассисони ботаҷрибаи соҳаи типологияи муқоисавии

забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ мебошанд: **Пӯлодова Н.Ю.** – н.и.ф., дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон; **Файзиева С.А.** – н.и.ф., дотсент, мудири кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд.

Номзадҳои пешниҳодшуда аз ҷониби ҳозирин дастгирӣ ёфтанд.

Натиҷаи райъдиҳии кушод: тарафдор 21 нафар, зид – "нест", бетараф – "нест".

**БАРОМАД КАРДАНД:** роҳбари илмии унвонҷӯ профессор Азимова М.Н. ва дотсенти кафедраи назария ва амалияи забони англисӣ Раҷабова М.М.

Роҳбари илмии унвонҷӯ профессор Азимова М.Н. дар баромади худ зикр дошт, ки интихоб гардидани Пӯлодова Н.Ю. – н.и.ф., дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва Файзиева С.А. – н.и.ф., дотсент, мудири кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русии МДТ "Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд" ба ҳайси муқарризони холис бамаврид мебошад.

Дотсенти кафедраи назария ва амалияи забони англисӣ Раҷабова М.М. иброз намуд, ки муқарризони дар боло номбаршуда дуруст интихоб шудаанд, зеро онҳо дар соҳаи мавриди тадқиқ корбарӣ намуда, худ соҳибунвон гардидаанд. Мо умед дорем, ки онҳо рисолаи номзадии Воҳидова Н.А.-ро ҳамаҷониба таҳлил намуда, ҷабҳаҳои масъалаи номбурдашударо мавриди таҳлил қарор медиҳанд.

Бо назардошти ақидаҳои аъзои Шӯрои олимони факултети забонҳои хориҷӣ **ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Баромади декани факултети забонҳои хориҷӣ, профессор Абдуллоева М.А. роҷеъ ба таъин намудани экспертҳои давраи дуюм барои баҳо додан ба диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисӣ дар мавзӯи "Хусусиятҳои фарҳангҳои

фразеологӣ дар забонҳои гуногунсохт (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) ба инобат гирифта шавад.

2. Олимони зерин ба сифати муқарризони давраи дуюми экспертизаи диссертатсияи унвонҷӯ Воҳидова Н.А. дар мавзӯи "Хусусиятҳои фарҳангҳои фразеологӣ дар забонҳои гуногунсохт (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ)" тасдиқ карда шаванд.

1) **Пӯлодова Наима Юсуфовна** – н.и.ф., дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

2) **Файзиева Сарварҷон Аҳмадовна** – н.и.ф., дотсент, мудири кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд.

3. Аз Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 037 назди МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) хоҳиш карда шавад, ки қарори мазкурро дастгирӣ намояд.

**Раиси маҷлис, профессор:** **Абдуллоева М.А.**

**Котиби маҷлис, сармуаллима:** **Ҳомидова Д.И.**

**"Имзоҳои М.А. Абдуллоева ва Д.И. Ҳомидоваро тасдиқ мекунам".**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров":** **Наврӯзов Э.М.**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков 1.**
**Тел.: (+992) 900420202**
**E-mail: n.ehson@mail.ru**